Силлабус барномаи корӣ барои донишҷӯён бо тавсифи мухтасари курс, ҳадафҳо ва натиҷаҳои таълимӣ, раванд ва принсипҳои баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён мебошад. Дар барномаи таълимӣ тавсифи фанҳои омӯхташаванда, мақсад ва вазифаҳои фан, номҳои мавзӯъҳо ва мӯҳлати омӯзиши онҳо, супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯ, намунаҳои супоришҳои санҷишӣ ва назоратӣ, вақти машваратҳо ва ҷадвали санҷиши дониши донишҷӯ, талаботи муаллим, меъёрҳои арзёбӣ ва рӯйхати адабиёт дарҷ ёфтаанд.

Силлабусро муаллим таҳия намуда, онро декани факултет (мудири шӯъбаи таълим / воҳиди таълимӣ) пас аз тасдиқи кафедраи тахассусӣ тасдиқ мекунад.

7.6. Шарҳи барномаи таълимӣ аз фанҳои ҳатмӣ

Эзоҳ додани барномаҳои таълимӣ аз фанҳои ҳатмӣ қисми таркибии барномаи таълимӣ (замима) мебошад, ки дар он маълумоти мухтасар дар бораи фанҳои таълимӣ ва мундариҷаи он инъикос карда мешавад. Ин ҳуҷҷат бояд нуқтаҳои зеринро дар бар гирад:

- номи фан;
- тавсифи мухтасари фан;
- намудҳои фаъолият;
- забони таълим;
- натиҷаҳои пешбинишудаи омӯзиш;
- рӯйхати бахшҳои фан;
- воситаҳои таълимии истифодашуда;
- шаклҳои назорати ҷорӣ ва ниҳоӣ.

Фишурдаи барномаҳои таълимиро аз рӯи фанҳои ҳатмӣ факултетҳо бо ҷалби кафедраҳои тахассусӣ ва умумии донишкада таҳия мекунанд. Ҳуҷҷати мазкур бо барномаи таълимӣ якҷо тасдиқ карда мешавад.

8. АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ АЗ РӮИ ИХТИСОС

8.1. Талаботи умумӣ барои аттестатсияи хатми дараҷаи бакалавр

Аттестатсияи ниҳоии забоншиноси оянда ва таълими компютерии забонҳо ҳимояи кори тахассусии хатм ва супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусиро дар бар мегирад.

Аттестатсияҳои ниҳоӣ барои муайян кардани омодагии амалӣ ва назариявии донишҷӯи зинаи бакалавр ба иҷрои вазифаҳои касбии муқаррарнамудаи ин барномаи таълимӣ ва идомаи таҳсил дар магистратура тибқи бандҳои 1.4 ва 1.5 барномаи таълимӣ пешбинӣ шудаанд.

Имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ як ҷузъи аттестатсияи хатми донишҷӯ ба шумор рафта, бояд ба талаботи мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотие, ки донишҷӯ онро аз худ кардааст, мутобиқ бошад.

8.1.1.Кори тахассусии хатм

Кори тахассусии хатм бояд дар шакли чопи компютерӣ ва ё дастнавис пешниҳод карда шавад. Талабот ба ҳаҷм, мазмун ва сохтори

кори хатми тахассусиро донишкада дар асоси “Низомнома дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм”, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, муайян менамояд.

Вақти барои омода намудан ва ба ҳимоя пешниҳод кардани кори тахассусиихатм на камтар аз чор ҳафтаро ташкил медиҳад.

8.1.2.Имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ

Тартиби гузаронидан ва барномаи имтиҳони давлатиро аз рӯи ихтисоси 1-21 06 01 -0110–Таълими компютерии забонҳо дар асоси тавсияҳои методӣ ва барномаҳои намунавӣ – Низомномаи аттестатсияи хатм, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, аз ҷониби донишкада муайян карда мешавад.

8.2. Талаботи диплом ва замимаи он

8.2.1. Талаботи умумӣ барои диплом

Хатмкунандае, ки барномаи таълимии таҳсилоти олии касбиро азхуд кардааст, дипломи давлатии дараҷаи бакалаври таълими компютерии забонҳо аз рӯи ихтисоси 1-21 06 01 -0110–Таълими компютерии забонҳо мегирад

8.2.2. Талаботи умумӣ барои замимаи диплом

Дар замимаи дипломи намунаи давлатӣ дараҷаи академӣ, ихтисос, номгӯи фанҳо ва натиҷаи кредитҳои дар давоми семестрҳо азхудшуда; GPA аз рӯи натиҷаҳои семестр ва дар умум, натиҷаи корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзиҳо, натиҷаи аттестатсияи давлатӣ ва натиҷаи ҳимояи кори хатми тахассусӣ, натиҷаҳои таълим; рақам ва серияи дипломи намунаи давлатӣ нишон дода мешавад.

Замима бе диплом асос надорад.

9. НИЗОМИ ДОХИЛИИ ТАЪМИИ СИФАТ ТИБҚИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

9.1. Таърифҳои асосӣ

Сифати таҳсилот тавсифи комплексии фаъолияти таълимӣ ва омода намудани донишҷӯёнро, ки дараҷаи мутобиқати онҳоро бо стандарти давлатии таҳсилот ва талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ва ҳамчунин сатҳи дастовардҳои мақсадҳои ба нақша гирифта ва натиҷаҳои барномаҳои таҳсилотӣ ифода менамояд, фаро мегирад.

Таъмини сифат раванди ташаккули шароитҳои муайян ва ҷудо намудани захираҳои зарурие мебошад, ки мутобиқати мазмуну мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ, имкониятҳои таҳсилот ва воситаҳои мақсади барномаро нисбат ба дараҷаи сифат инъикос менамояд.

Низоми дохилии таъмини сифат дар донишкада – ин маҷмӯи сохторҳои ташкилии донишкада, ҳуҷҷатгузории дохилӣ, нишондодҳо, равандҳо, захираҳо, ки барои ҳамеша баланд бардоштани сифати барномаҳои таҳсилотӣ ва рушди фарҳанги канданашаванда хидмат мекунанд, мебошад.

9.2.Принсипҳои кафолати сифат

Принсипҳои кафолати сифат дар ДДЗТ ба номи С.Улуғзода инҳо мебошанд:

-таъмини сифати таҳсилот ва кафолати он дар сатҳи зарурӣ;

-кафолати сифат ба талаботи низомҳои гуногуншакли таҳсилоти олӣ, донишкада ва донишҷӯён;

-ба эътибор гирифтани талаботи донишҷӯён, ҷомеа ва дигар ҷонибҳои манфиатдор;

-таҳлил ва таҷдиди барномаҳои таҳсилот тавассути сохторҳои дахлдори донишкада ба таври мунтазам;

-худҳисоботдиҳии даврӣ аз рӯи натиҷаҳои омоданамоии донишҷӯён тибқи барномаҳои таҳсилотӣ;

-мунтазам дар байни донишҷӯён, хатмкунандагон ва корфармоён гузаронидани пурсишҳо (анкетаронӣ);

-бо мақсади таҳлил намудани сифати барномаҳои таҳсилотӣ даъват намудани ташхисгарони беруна;

- боз будани дастрасии натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба сифати барномаҳо барои ҷомеа.

9.3.Стандартҳои дохилии таъмини сифат

Низоми дохилии таъмини сифат дар заминаи “Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифати таҳсилоти олӣ дар фазои аврупоии таҳсилоти олӣ (ESG)” таҳия гардида, аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- сиёсати дохилии таъмини сифат;
- таҷдид ва такмили барномаҳо;
- таълими ба донишҷӯ нигаронидашуда;
- стандартҳои қабули донишҷӯён, назорати давомот ва пешрафт, эътироф гардидан ва шаҳодатномадиҳӣ;
- стандартҳое, ки равандҳои адолатноку шаффофро зимни ба кор гирифтан, рушди касбӣ ва аз кор озод намудани кормандон ба инобат мегиранд;
- стандартҳои захираҳои таълимии низомҳои дастгирикунандаи таълимгирандагон (маблағгузории кофӣ барои таълим ва фаъолияти омӯзгорӣ; пешниҳоди захираҳои таълимии босифат ва дастрас, роҳҳои дастгирии донишҷӯён);
- стандартҳои идоракунии иттилоот (донишкада бояд ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи иттилооти мувофиқро бо мақсади идоракунии самараноки барномаҳои таҳсилотӣ ва дигар самтҳои фаъолият таъмин намояд);
- стандартҳои иттилоонии ҷамоатчигӣ: донишкада бояд дар хусусияти фаъолияти худ иттилоот нашр намояд, ки он шаффоф, аниқ, холисона, мубрам ва фаҳмову дастрас бошад;
- мунтазам баргузор намудани мониторинг ва баҳодиҳии даврии барномаҳо;
- таъмини мунтазами берунаи сифат.

10. ИДОРАКУНИИ ТАҒЙИРОТ

Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ва ё таҷдид шудани барномаҳо кафедраи тахассусӣ бояд дар ин хусус маълумотҳои заруриро ба муҳокимаи Шӯрои олимони донишкада барои баррасӣ ва тасдиқ кардан манзур намояд.

Замимаи1

Шарҳи барномаҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои ҳатмӣ

I. БАХШИ ФАНҲОИ ЗАМИНАВӢ
1.1. МОДУЛИ ИҶТИМОӢ-ГУМАНИТАРӢ
1.1.1. Фалсафа

Тавсифи мухтасари фан	**Фалсафа** - илми ҷомеашиносӣ буда, мавзӯи фалсафа шинохти ҳақиқати ҳастӣ ва объекти он тамоми ҳастӣ: табиат, ҷамъият, инсон ва қобилияти маърифатии вай аст.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад.
Натичаҳои таълимие, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***Донад*** - зарурати омӯзиши фалсафа, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фалсафа, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи фалсафаро аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии фалсафаро бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати афкори гуногуни намояндагони макотиби фалсафӣ, ки марбут ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифат кардани ҳодисоти олам; - тамаддунҳо ва ба ҷаҳонисозии арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ; - таърихи ташаккули миллати тоҷик; - нақши донишҳои фалсафиро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори фалсафиро дар шароити ҷомеаи техногенӣ ва иртиботӣ танҳо ба манфиати ҷоме; - усулҳои асосии илмӣ ва методҳои фалсафиро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ. ***Тавонад*** - оид ба ғояи афкори фалсафӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои фалсафиро; - фарқ кардани ақидаҳои намояндагони мактабҳои фалсафиро оид ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифатпазирӣ; - хусусиятгириҳои афкори фалсафиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи фалсафа; - истифодаи методҳои фалсафиро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қароргиранда; - таъриф додани мафҳумҳои калидии фалсафаро; - дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро. ***Аз худ намояд*** - малакаи таҳлилнамоиро;

	- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- таърихи фалсафа - онтология - гнесоология - фалсафаи инкишоф - фалсафаи иҷтимоӣ -антропологияи фалсафӣ -фалсафаи илм
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ, комютерӣ)

1.1.2. Таърихи муосири Тоҷикистон

Тавсифи мухтасари фан	Таърихи муосири Тоҷикистон - илми ҷомеашиносӣ буда, марҳилаҳои асосии воқеаҳои солҳои гузашта, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию мадании дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон то имрӯз ба амал омадаро дар бар мегирад. Ҳадафи омӯзиши фан ба донишҷӯён додани донишҳои зарурӣ дар бораи рӯйдодҳои таърихи давлатдории муосири Тоҷикистон.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ, англисӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. - назарияҳои гуногуни фалсафӣ, ақидаи илмии онҳо ва самтҳои амалигардонии онро дар таҷриба дарк намояд.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро азхуд кардааст, бояд: ***Донад*** - зимни омӯзиши ин фан дониши муҳассилин дар бораи таърихи бойи аҷдодон боз ҳам васеътар шуда, дар онҳо тафаккури мантиқӣ тараққӣ кунад. - дар донишҷӯён ҳисси ватандӯстӣ, ифтихору адолати миллӣ равнақ ёбад. - дар мисоли анъанаҳои неки халқамон эҳсоси ватандорӣ бедор мегардад ва масъулияти хешро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамаддуни башар идрок менамоянд. - заруриати омӯзиши ТМТ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои таърих, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи ТМТ аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии ТМТ-ро бо илмҳои ҷомеашиносӣ: таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, фалсафа, сиёсатшиносӣ, демография, ҷуғрофия, археология, этнография, таърихи иқтисоди ҷаҳон-родарк кунад; ***Аз худ намояд*** - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.

Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- Археология - Бостоншиносӣ - Этнография - Нумизматика
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаиэлектронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ-комютерӣ)

1.1.3. Фарҳаншиносӣ

Тавсифи мухтасари фан	**Фарҳаншиносӣ -**илмест, ки комёбиҳои фарҳангии давраҳои гуногуни ҷомеаи инсониро фаро мегирад. Омӯзиши илми фарҳангшиносӣ ба аҳли башар имконият медиҳад, ки аз дастовардҳои бузурги фарҳангу тамаддуни гузаштаю имрӯзаи бархурдор шаванд ва ба пешрафти он мусоидат намоянд.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	Тоҷикӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зим-ни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва динӣ дарк кунад.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***Донад*** - зарурияти омӯзиши фарҳанг, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фараҳангшиносӣ, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, тафовути фарҳангшиносӣ аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии фарҳангшиносӣ бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ -ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ; -муайян намудани, арзишҳои фарҳангӣ дар шароити ҷаҳоншумулӣ. - корбурди усулҳои асоси илмӣ дар омузиши фани фарҳангшиносӣ ***Тавонад*** - оид ба ғояи афкори фарҳангӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани масоилҳои асоси фарҳанг; - Таҳлили муқоисавӣ мосилҳои фарҳангӣ аз назари мутафаккирони мактабҳои гуногуни фалсафаӣ - Марҳилаҳои асоси ташаккулёби фарҳангшиносӣ ҳамчун илм. - Шарҳ ва тавзеҳи масоилҳои мубрами фарҳангшиносӣ - дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро. ***Малака ҳосил намояд*** - оид ба таҳлилнамоӣ; - оид ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ; - оид ба ҳамкорӣ кардан бо ҳамкасбон.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	Назарияи фарҳанг. Таърихи фарҳанг. Фалсафаи фарҳанг.

Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати чорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

1.1.4. Сотсиология

Тавсифи мухтасари фан	Сотсиология- илми ҷомеашиносӣ буда, мавзӯи ҷомеа шинохти ҳақиқати иҷтимоӣ аз таърихи рушди афкори иҷтимоӣ ва объекти он тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ: табиат, ҷамъият, шахс ва муносибатҳои институтсионии гурӯҳҳои дар ҷомеа мавҷуд бударо меомӯзад.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ,
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зим-ни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили равандҳои иҷтимоӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. - назарияҳои гуногуни иҷтимоӣ, ақидаи илмии онҳо ва самтҳои амалигардонии онро дар таҷриба дарк намояд.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро азхудкардааст, бояд: ***Донад*** - заруриати омӯзиши сотсиология, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои сотсиология, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи сотсиологияро аз дигар илмҳои гуманитарӣ, алоқамандии сотсиологияро бо илмҳои фалсафа-онтропология, сиёсатшиносӣ ва этнология дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати афкори гуногуни намояндагони макотиби сотсиологӣ, ки марбут ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифат кардани ҳодисоти олам ва муҳит; - тамаддунҳо ва ба ҷаҳонисозии арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ ва модернизатсияи он, тарбиявӣ; - нақши донишҳои сотсиологиро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори иҷтиморо дар шароити ҷомеаи техногенӣ ва иртиботӣ танҳо ба манфиати ҷоме истифода барад; - усулҳои асосии илмӣ ва методҳои сотсиологияро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ. ***Тавонад*** - оид ба ғояи афкори иҷтимоӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои сотсиологияро; -фарқ кардани ақидаҳои намояндагони мактабҳои сотсиологиро оид ба масоили ҳаёти ҷамъиятӣ ва маърифатпазирӣ; - хусусиятгириҳои афкори ҷамъиятиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи сотсиология; -истифодаи методҳои сотсиологиро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қарор гиранда; - таърифдоданимафҳумҳоикалидии сотсиологиро; -дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро. ***Аз худ намояд*** - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;

	- малакаи бо шариконн худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- таърихи сотсиология ва марҳилаҳои рушди он - тағйироти иҷтимоӣ - глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) ва модернизатсия ҷамъият - низоми табақабандии иҷтимоӣ - фалсафаи иҷтимоӣ
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаиэлектронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натичаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣкомютерӣ)

1.1.5.Сиёсатшиносӣ

Тавсифимухтасарифан	Фанни сиёсатшиносӣ яке аз фанҳои ҳатмии таълимӣ буда, ба донишҷӯён аз таърихи рушди афкори сиёсӣ, масъалаҳои марбути сиёсат, давлат, ҳокимият, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, мавзӯъоти мухталифи сиёсати муосир маълумот медиҳад ва дар ниҳояти амр, ҷаҳонбинии сиёсии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад. Таълими фанни мазкур дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ татбиқ карда мешавад.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ, англисӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - баланд бардоштани сатҳи шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва огоҳ будан аз равандҳои сиёсии ҷомеа . - назарияҳои гуногуни сиёсӣ, ақидаи илмии онҳо ва самтҳои амалигардонии онро дар таҷриба дарк намояд.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан бадаст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро азхуд кардааст, бояд: ***Донад*** -аз худ кардани равияҳо, ҷараёнҳо ва мактабҳои мухталифи афкори сиёсӣ; -омӯзиши мавзӯъҳои гуногуни сиёсати муосир; -ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии донишҷӯён; -огоҳ шудан аз равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ; -баланд бардоштани маданият ва шуури сиёсии донишҷӯён; -омӯхтани алоқамандии сиёсат бо иқтисодиёт; -маълумот пайдо кардан оиди системаҳои сиёсӣ; -баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ; -баланд бардоштани маданияти шаҳрвандӣ. ***Тавонад*** - оид ба афкори сиёсӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои сиёсатшиносӣ; - фарқ кардани афкори сиёсиро оид ба намояндагони мактабҳои сиёсӣ; - истифодаи методҳои сиёсиро оиди ҳалли проблемаҳои сиёсии замони муосир истифода баранд; - шарҳу эзоҳи категорияҳои илми сиёсӣ; - дарк намудани проблемаҳои рӯзмарраи замони муосир ва роҳҳои бартараф намудани онҳоро. ***Аз худ намояд*** - малакаи таҳлилнамоии масъалаҳои сиёсиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии илми мазкурро;

Номгӯи боб / мавзӯъҳои фан	- сиёсатшиносӣ - моҷароншиносӣ -геополитика - сиёсатшиносии муқоисавӣ
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати чорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натичаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

1.1.6. Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос

Тавсифи мухтасари фан	Фанни ҳуқуқ ҳамчун қисми таркибии илми муосири Тоҷикистони соҳибиситиқлол қисми ҷудонашавандаи ташаккули дониш ва малакаи касбии мутахассиси ояндаи тамоми самтҳои илм, бахусус илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки дарк намудани тахассуси худ ва дар ин замина омӯхтани донишҳои соҳавӣ барои ҳар як донишомӯз роҳи дурустро ба самти камолоти ӯ мекушояд. Фанни ҳуқуқ донишҳои заминавиро барои донишҷӯён пешниҳод намуда, шуури ҳуқуқии онҳоро дар ҷодаи аз бар намудани қонунгузории ҶГ баланд мебардорад.Мақсади омӯзиши Фанни ҳуқуқ ин дар шуури донишҷӯён бедор намудани донишҳои аввалини ҳуқуқӣ онҳо ба шумор меравад. Донишҷӯён бо аз худ намудани фанни мазкур метавонанд мақсад, моҳият ва зарурати ташкили ихтисоси худро дарк намуда, бо ин васила дар курсҳои болоӣ бе мушкилот таҳсили худро идома диҳанд. Ҳамзамон омӯзиши фан шуури ҳуқуқии онҳоро оид ба қонунгузории ҶГ баланд намуда барои татбиқи он дар амал мусоидат менамояд.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ.
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии муносибатҳои ҳуқуқиро дар заминаи қонунгузории ҶГ дарк кунад.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, кифанни мазкурроазхудкардааст, бояд: ***Донад*** - заруриати омӯзиши фанни ҳуқуқ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои қонунгузории молиявӣ, марҳилаҳои инкишофи қонунгузории ҶГ, фарқи фанни ҳуқуқро аз дигар илмҳои ҳуқуқшиносӣ, алоқамандии ҳуқуқро бо илмҳои ҳуқуқӣ-иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати афкори гуногуни муҳаққиқони фанни ҳуқуқшиносӣ, ки марбут ба масоили муаммоҳои назария ва амалияи фанни ҳуқуқшиносӣ мебошанд. - нақши донишҳои ҳуқуқиро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори ҳуқуқиро дар шароити ҷомеаи муосир ва оянда танҳобаманфиати ҷоме; - усулҳои асосии илмӣ ва методҳои ҳуқуқиро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ. ***Тавонад*** - оид ба ғояи шуури ҳуқуқӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои ҳуқуқиро; - фарқ кардани ақидаҳои олимони мактабҳои ҳуқуқиро оид ба масоили ҳуқуқшиносӣ ва маърифати ҳуқуқӣ; - хусусиятгириҳои шуури ҳуқуқиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи ҷомеа; - истифодаи методҳои ҳуқуқӣро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қароргиранда; - таъриф додани мафҳумҳои калидии ҳуқуқиро;

	- дарк намудани масоили ҳуқуқии мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро. *Аз худ намояд* - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	– Мафҳум ва моҳияти давлат; – Давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; – Маҳфум ва моҳияти ҳуқуқ; – Ҳукуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; – Таълимот дар бораи Конститутсия.
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Кори хаттӣ, презентатсия, реферат, супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натичаиниҳоиитаълими фан	Имтиҳон (тестӣкомютерӣ)

1.1.7. Диншиносии илмӣ

Тавсифи мухтасари фан	**Диншиносии илмӣ** - ҳамчун илм сабабҳои пайдоиш ва ташаккули динҳоро дар масири таъсири байниҳамдигарии онҳо ва таъсир ва алоқамандии онҳо бо дигар навъҳои фарҳанг мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳад.
Намуди машғулиятҳо	назариявӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	Тоҷикӣ, русӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зим-ни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; - қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва динӣ дарк кунад.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***Донад*** - зарурияти омӯзиши диншиносӣ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои диншиносӣ, марҳилаҳои таърихии инкишофи диншиносӣ, тафовути диншиносӣ аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии диншиносӣ бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ; -ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои динӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ; - нақши дин ва донишҳои динӣ дар ҷомеа. -муайян намудани, арзишҳои динӣ дар шароити ҷаҳоншумулӣ. - корбурди усулҳои асоси илмӣ дар омузиши фани диншиносӣ; ***Тавонад*** - оид ба ғояи афкори динӣ андешаи дуруст пайдо карданро; - фаҳмидан ва шарҳ додани масоилҳои асоси дин; - Таҳлили муқоисавӣ мосилҳои динӣ аз назари мутафаккирони мактабҳои гуногуни фалсафаӣ - Марҳилаҳои асоси ташаккулёби диншиносӣ ҳамчун илм. - Шарҳ ва тавзеҳи масоилҳои мубрами диншиносӣ - дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро. ***Малака ҳосил намояд*** - оид ба таҳлилнамоӣ; - оид ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ; - оид ба ҳамкорӣ кардан бо ҳамкасбон.

Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- диншиносӣ ва мавзуи баҳси он; - дин ҳамчун унсури фарҳанг; - фалсафаи дин; - алоқамандӣ ва тафовути динҳо; - дин ва ҷаҳони имрӯз.
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ, комютерӣ, шифоҳӣ)

1.2. МОДУЛИ ФАНҲОИ ЗАБОНӢ

1.2.1.Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос

Тавсифи мухтасари фан	**Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос** - Барнома дар асоси “Барномаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 барои факултетҳои ғайрифилологӣ таҳия гардидааст. Ҳадафу мақсади барномаи таълимии забони тоҷикӣ баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи саводи хаттиву шифоҳии донишҷӯён, рушд додани маҳорати сухандонӣ, инкишоф додани захираи таркиби луғавии онҳо бо роҳи луғатдонӣ ва истилоҳоти тахассусӣ, аз худ намудани ҳуҷҷатнигорӣ ва ғайраҳо мебошад.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	Тоҷикӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- Риояи меъёри забони адабии тоҷик. - Риояи имлои забони адабии тоҷик дар нутқи хаттӣ. - Инкишоф додани нутқи шифоҳӣ дар заминаи риояи меъёри талаффуз. - Ҳифз намудани калимаҳои душворфаҳм ва истилоҳҳои тахассусӣ
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Баланд бардоштани савияи забондонӣ. Омӯзиши меъёрҳои забони адабии тоҷик. Роҳҳои ташаккули нутқи хаттию шифоҳӣ. Ташаккул ва такомули захираи луғавӣ. Дар ҳуҷҷатҳои идорӣ босаводона истифода кардани меъёрҳои навишт. Ҳифзи калимаҳои душворфаҳм, таркиб ва ибораҳои маҷозӣ аз эҷодиёти адибони тоҷик.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	Бахшҳои муҳими илми забоншиносӣ: - Овошиносӣ - Луғатшиносӣ (вожашиносӣ) - Сарф ва наҳв - Фразеология - Аломатҳои китобатӣ - Услубшиносӣ
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Иҷрои машқҳо, таҳлили матну луғатҳои тахассусӣ, таҳияи ҳуҷҷату санадҳои расмӣ-коргузорӣ; пурсиш аз рӯи саволномаҳо (карточкаҳо); суҳбати инфиродӣ (қабули КМРО); супоришҳои тестӣ (ҳангоми қабули рейтинг)

Шакли арзебии натичаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон тариқи компютер (тестӣ)

1.2.2. Риторика

Тавсифи мухтасари фан	Фанни **риторик**а дар силсилаи тадрисоти умумифилологӣ мавқеи муҳим дошта, дар алоқамандӣ бо омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи забон ва адабиёти тоҷик мавриди таълим қарор дорад. Вазифаи курси мазкур барои равшану аниқ ҷамъбаст намудани донишу маҳорат ва дарку вусъати ҷаҳонбинии донишҷӯён мусоидат мекунад.
Намуди машғулиятҳо	Лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯй зимни азхудкунии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд.	-қобилияти таҳлилнамоиро аз худ кунад; -таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро истифода бурда тавонад; -тарзу роҳҳои қабул, ҳифз ва коркарди маълумотҳо(иттилоот)-ро аз худ карда тавонад ва бо компютор ҳамчун бо воситаи идоракунии иттилоот кор карда тавонад.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд.	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд **Донад:** -предмети омӯзиши «ҳусни баён», вазифаи курси мазкур, алоқаи он бо фанҳои дигарро; -принсипҳои таълими «ҳусни баён», шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълимии фанни мазкурро; -усулҳои баррасии шаклҳои дигари кор-тарзи истифодаи барномаи таълим ва китобҳои дарсии «ҳусни баён», аёният, технологияи муосири информатсиониро; **Тавонад:** -донишҳои назариявии худро дар амал тадбиқ намудан; -истифодаи «Барномаи фанни «Риторика» -ро; -таҳлили мундариҷа ва маводи китобҳои дарсии Ҳусни баёнро» -ро; -роҳҳои ташкилу гузаронидани дарсро; -луғату истилоҳоти фанни мазкурро; -номгӯи мақолаҳое, ки доир ба ин фан доир шудааст; -номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд; -номгӯйи мавзуъҳои асосии фанро.
Номгӯйи боб/мавзуъҳои фан	- фарқияти калимаҳои фонди асосии забон ва таркиби луғавии забон; - фарқ карда тавонистани маънои аслӣ ва маънои маҷозии калима; - муайян карда тавонистани силсилаҳои синонимӣ; - муайян кардани синониму антонимҳои ҷуфт; - оилаи забонҳо;
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Китоби дарсӣ, компютери фардӣ, пректор, тахтаи электронӣ, матни электронии лексияҳо
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳони шифоҳӣ

1.2.3. Забони хориҷӣ (англисӣ) аз рӯи ихтисос

Тавсифи мухтасари фан	**Забони англисӣ аз рӯи ихтисос** – яке аз забонҳои ғарбии гурӯҳи забонҳои германӣ мебошад, ки имрӯз дар Британиёи Кабир, Ирландия, Амрикои Шимолӣ, Австралия, Зеландияи Нав, Канада, ҳамчунин дар якқатор кишварҳои Осиё ва Африқо мустаъмал буда, бештар аз 500 млн. сокинони сайёраи мо ҳоло бо ин забон такаллум менамоянд. Мақсади асосии таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ истифодаи амалии он мебошад, то ки забон чун воситаи муошират аз худ гардад ва маҳорати зарурӣ барои бо муваффақият ёд гирифтани забон ба даст ояд.

Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	-тарзи талаффузи овозҳо, оҳанг, задагузорӣ ва хусусиятҳои асосии тарзи пурраи талаффуз, ки барои вожаҳои касбӣ хос мебошанд, аз худ намудани мавзӯҳои асосии грамматикӣ, дуруст тарҷума намудани ҷумла, мазмуни матнро дарк намудан, ба саволҳо ҷавоб додан, бой гардонидани луғати тахассусӣ ва мухтасар баён намудани мазмуни матни тахассусӣ;
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***Донад*** - ҳадафи омӯзиши забони англисӣ, нақши забони англисӣ дар таррақиёти соҳаи биотехнология, мақоми рӯзафзуни забони англисӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосири тоҷик; фарҳанг ва анъанаҳои милливу таърихии кишварҳои забонашон омӯхташаванда, одоби сухан, муошират, нутқи муколамавӣ; ***Тавонад*** ***а***) Фаҳмиш (дарккунӣ): - фаҳмидани мазмуни машқҳое, ки дар асоси маводҳои омӯхташудаи лексикӣ ва грамматикӣ тартиб дода шудаанд. б) Нутқи даҳонӣ : - дар асоси маводҳои омӯхташудаи лексикӣ мазмуни матни хондашуда ё аудио, видео, машқҳоро нақл карда тавонистан. - дар асоси мавзӯи омӯхташуда сӯҳбат карда тавонистан - матнҳои хониши инфиродӣ ва хонагиро хондан, сӯҳбат намудан ва нақл кардан. Мухтасар сӯҳбат намудан оиди масъалаҳои хаётии мавриди баҳс қароргиранда. Таъриф додани вожаҳои калидии тахассусӣ. в) Хониш - маҳорату малакаи бо матн кор карданро соҳиб гардидан (тасриф, фикрбандкунӣ ва исботи фикри худ), ривоҷи маҳорату малакаҳои хониши пешакӣ, шиносоӣ ва омӯзиш дар вақти кор бо маводҳои таълимӣ. г) Нутқи хаттӣ: - мазмуни матни хондашуда ё гӯшкардашударо бо тарзи хаттӣ баён карда тавонистан. ***Аз худ намояд*** - малакаи муҳокима намудан; - малакаи таҳлил намудан; - малакаи аз назаргузаронӣ; - малакаи муошират намудан;
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- фонетика - лексилогия - морфология - синтаксис - фразеология - услубшиносӣ
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ, наворхои (видео)таълимӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натичаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

1.3. МОДУЛИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ

1.3.1. Технологияи информатсионӣ

Тавсифи мухтасари фан	**Технологияи информатсионӣ** - илми техникӣ буда, дар бораи усул ва воситаҳои коркарди иттилооти додашуда бо ёрии мошинҳои электронии ҳисоббарор, дар бораи равандҳои иттилоотии системаҳои техникӣ, табиат ва ҷомеа маълумот медиҳад.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, озмоишӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ

Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур бояд ташаккул ёбанд	- малакаи воридкунӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил ва коркарди иттилооти компютерӣ, истифодаи он ҳангоми ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошташуда; - малакаи истифодабарӣ аз барномаҳои гуногуни компютерӣ; - барои мутахассисони ҳамин соҳа малакаи барномависӣ дар забонҳои гуногун.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: *Донад* - зарурати омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фан, марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва таназзули компютерҳо, алоқамандии фанни мазкур бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, тасаввуроти хешро нисбат ба масоили иттилоотонии ҷомеа; - таъминоти техникии компютерҳо; - таъминоти барномавии компютерҳо; - на камтар аз 3 ё 4 асосҳои забонҳои барномасозӣ; - рамзонидани иттилоот ва шаклҳои алгоритмҳоро. *Тавонад* - тарз ва усули дурусти гузориши масъалаҳои барномасозӣ; - сохтани алгоритми ҳалли масъалаҳоро; - навиштани барнома дар асоси алгоритми сохташуда; - ворид кардани барнома ба компютер, таҳлил ва танзими он; - гирифтани натиҷаҳои барнома ва таҳлили дурустии онҳо; - истифода кардан азбарномаҳои амалии офисӣ (таҳриргарҳо ва ҷадвалҳо); - омода кардани рунамосози (слайди) тасвирӣ барои баромадҳо; - истифода кардан аз барномаҳои графикӣ ва зиддивирусӣ. *Аз худ намояд* - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- муқаддимаи фан ва мафҳумҳои асосӣ - таъминоти техникии компютерҳо - таъминоти барномавии компютерҳо - системаҳои операторсионӣ (CO Windows) - таҳриргари матнӣ ва графикии Microsoft Word - таблитсаи электронии Microsoft Excel - истифодаи рунамосозҳои (слайдҳои) тасвирӣ барои баромадҳо - барномаҳои графикӣ бо рангрезии функционалӣ - таҳияи алгоритмҳо ва татбиқи системаҳои ҳисоб - забонҳои (муҳитҳои) барномасозӣ - барномаҳои зиддивирусӣ - хадамоти интернет
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Иҷрои супоришҳои тестӣ, ҳимояи ҳисоботи корҳои озмоишӣ, гузаронидани суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

1.3.2. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография

Тавсифи мухтасари фан	Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография ҳамчун фанни зербунёди фундаменталӣ ба омӯзиш ва татқиқи ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, рушд ва ташаккулёбии ҳудудии системаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фаъолияти мунтазами онҳо машғул аст.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, кори мустақилонаи донишҷӯ
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ, англисӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни	-қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад; -донишҷӯ қодир аст барои васеъ гардонидани мазмуну мундариҷаи курси

мазкур ташаккул бояд ёбанд	мазкур, баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури илмӣ-иқтисодӣ ва ҷойи ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ, фанро аз худ намояд. -назарияҳои гуногуни географӣ, ақидаи илмии онҳо ва самтҳои амалигардонии онро дар таҷриба дарк намояд.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***донад*** -зарурияти омӯзиши фанни географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фан, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, аз дигар илмҳои табиатшиносӣ, алоқамандии географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, бо илмҳои табий-риёзӣ ва техникӣ иҷтимой-инсоншиносӣ, дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати масоили ҳаётишиносӣ ва баланд бардоштани маърифати илмӣ истифода намояд; -саҳми Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, барои омӯзиш ва тадқиқ ва муайян намудани иқтидори сарватҳои бойи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои иқтсиодии он мебошад, ки дар ҳамбастагӣ бо аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, сохти ҷойгиршавии географии он, ташаккули соҳаҳои истеҳсолот ва ташкили ҳудудии ҷомеа амал мекунад; -нақши донишҳои табииро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори илмӣ-табииро дар шароити ҷомеаи техногенӣ ва иртиботӣ танҳо ба манфиати ҷомеа равона намояд; -методҳои илмии географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографияро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ қарор диҳад. ***Донишҷӯ бояд:*** -оид ба ғояи афкори илмии географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, андешаи дуруст пайдо карда тавонад; -мафҳум ва категорияҳои асосии географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографияро фаҳмида онро шарҳ дода тавонад; -ақидаҳои намояндагони мактабҳои географиро оид ба масоили муайяннамоии ҷойи ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ фарқ намояд; -истифодаи методҳои георафиро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қароргирандаро истифода бурда тавонад; **Донишҷӯ бояд а*з худ намояд:*** - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- Таърихи пайдоши фанни географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография; - Табиат омили муҳими ташкили ҳудудии хоҷагии халқ; - Ташкили ҳудудии хоҷагии халқ ва комплексҳои истеҳсолӣ; - Комплекси кишоварзию саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алоқамандии он бо фонди замину об; - Аҳолӣ омили комплексии ташкили ҳудудии истеҳсолот.
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

1.3.3. Экология

Тавсифи мухтасари фан	**Экология** – илмест, ки муносибатҳои организмҳои зинда ва ғайри зиндаро дар табиат меомӯзонад. Муҳити зист тамоми шароитҳои барои зиндагӣ лозимиро, ки инсон бе он наметавонист ва наметавонад вуҷуд дошт, фароҳам меорад. Инсон дар давраи таърихии тараққиёташ барои қонеъ намудани талаботҳои худ

	ҳазорҳо намуди ҳайвоноту растаниҳоро нобуд сохта, на танҳо муҳити атроф, балки манбаъҳои хурокворӣ, маводҳои сохтмонӣ ва манбаъҳои хӯрокаи олами ҳайвонотро ба хатари нобудшавӣ овардааст. Сабаби асосии чунин рафтор дар он аст, ки бисёри шахсони алоҳида, мардумон, баъзе аз табақаҳои ҷамъиятӣ аз оқибатҳои бухрони экологӣ хабардор нестанд ва ё маърифати экологии ин табақа на онқадар рушт кардааст. Мақсади омӯзиши фанни Экология тайёр кардани мутахасисони соҳибмаълумоте, ки бо дониши назариявӣ ва амалӣ муккамал мебошанд, иборат аст.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	тоҷикӣ, русӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	- таҳлил ва амалӣ намудани проблемаҳои экологӣ ҷиҳати паст кардани таъсри антропогенӣ ҳангоми фаъолият дар истеҳсолот ва татбиқ кардани лоиҳаҳои иқтисодии кишвар аз назари экологӣ; - истифодаи оқилонаи захираҳои табиат (аз ҷумла об, хок ва растани) ва ҳифзи он; - таъмини фаъолияти дурусти дастгоҳҳои газу чанг тозакунанда, оби ифлос ва коркарди партовҳои санотию маишӣ ҳамчун ашёи хоми дуюм дараҷа.
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд	Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: ***Донад*** - зарурияти омӯзиши экология, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои экология, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи экологияро аз дигар илмҳои техникӣ ва биологӣ, алоқамандии экологияро бо илмҳои иқтисодӣ, табиӣ-риёзӣ, қонуниятҳои экологи ва гардиши моддаҳо дар табиат; - вазъи экологии имрӯза ва фардои муҳити табии, пешгуи кардани таъсири антропогени ба муҳити атроф ва оқилона истифодабарии сарватҳои рӯизамини ва зеризаминӣ ; - нақши донишҳои экологӣ барои мутахассисони самтҳои гуногуни иқтисодиёт (саноат, энергетика нақлиёт, ва ғайра); - усулҳои асосии илмӣ экологи ҷиҳати таҳия намудани нақшаҳо ва лоиҳаҳои иқтисодиёти кишвар аз назари экологӣ, пешбурди фаъолиятҳо оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. ***Тавонад*** - пайдо кардани андешаҳои дуруст дар самти таҳлили физики-химияви муҳити атроф ва таъсири антропогении ба фазои атмосфера, об ва замин; - истифода ва риояи асосҳои ҳуқуқӣ, китоби сурх, консепсия ва меъёрҳои экологӣ барои самтҳои гуногуни истеҳсолӣ; - дарки масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо; - рушди маърифати экологии аҳолӣ, беҳдошти муҳити зист ва рушди устувор; - мониторинги экологӣ дар экосистемаҳои гуногун ва дастрас намудани натиҷаҳои таҳлили ба аҳолӣ; - муайянкунии усулҳои гуногуни коркард ва истифодабарии партвҳо ба муҳити зист; - ҳалли проблемаҳои глобали, маҳали ва локали Тоҷикистон ва мавзеъҳои ҳифзшавандаи он; ***Аз худ намояд*** - малакаи таҳлилнамоиро; - малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро; - малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро.
Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан	- таърихи экологияи умумӣ - ҳифзи муҳити зист - илми экологӣ - экологияи иҷтимоӣ -экологияи иқтисодӣ -экологияи шаҳрсозӣ - экологияи саноатӣ ва кишоварзӣ -экология нақлиётӣ -экологияи энергетикӣ

Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ
Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ комютерӣ)

2. БАХШИ ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ
2.1. МОДУЛИ ФАНҲОИ УМУМИКАСБӢ
2.1.1.История русской литературы

Краткое содержание дисциплины	Учебная программа по курсу «История русской литературы» составлена на основе требований новых образовательных стандартов и нового учебного плана 1-020302 – учитель русского языка и литературы в школе факультета русской филологии. История русской литературы первой половины XX века – важный курс в системе обучения филологов. Наряду с другими учебными дисциплинами история развития русской литературы формирует основы общей подготовки студентов. Курс «История русской литературы первой половины XX века» основывается на принципах связи искусства с жизнью, единства формы и содержания, осмысления историка - культурных сведений, нравственно-эстетических представлений, формирования умений оценки и анализа художественных произведений.
Виды занятий	лекции, практические, самостоятельная работа студентов с преподавателем
Язык преподавания	Русский
Формирование компетентности студентов в ходе усвоения данной дисциплины	Сформировать у студентов прочные и четкие знания и приобщение студентов к искусству слова, овладению богатейшими выразительными средствами русского литературного языка. Программа курса включает в себя художественные произведения русской литературы, поднимающие вечные проблемы: добро и зло, жестокости и сострадания, прекрасного в природе и человеческой жизни и т.д. Русская классическая литература была и остаётся ядром национальной культуры, определяющим развитие других видов искусства и своеобразие эпох. Она, может быть, в большей степени, чем собственно историческое знание, формирует образ нашего прошлого и настоящего, задаёт отношение к отдельным эпохам, общественным группам и историческим персонажам. Представленные в данной программе методические рекомендации к лекциям, практическим занятиям, экзаменам и самостоятельной работе сориентированы на усвоение студентами общих закономерностей и тенденций развития русской литературы первой XIX века.

	Содержание материала, положенного в основу курса «История русской литературы первой половины XX века», а также подходы к его осмыслению обусловлены двумя исходными моментами, непосредственно связанными с процессом развития литературы первой половины XX века: доминирующим в ней реалистическим художественным сознанием и романным жанром, определяющим литературное мышление этого времени.
Результаты обучения, которые приобретены студентом	**Студент должен**: 1) **знать:** навыки анализа литературного произведения, сведения о писателях и поэтах русской литературы; 2) **уметь:** применять полученные знания в области истории русской литературы в собственной профессиональной деятельности, в научно-исследовательской работе, участвовать в научных дискуссиях; 3) **читать:** выразительно и свободно программные тексты; 4) **владеть:** основными методами и приёмами исследовательской и практической работы в области устной и письменной коммуникации по тематике русской литературы. 5) **усвоить:** словарь и терминологию данной дисциплины; а) каталог материалов, изданных по данной дисциплине; б) наименования учебных материалов по данной дисциплине; в) наименования основных тем по этой дисциплине; г) обрести навыки и умения: - анализа; - теоретических и опытных исследований; - быть готовым к совместной работе в группе; - усвоить пути и способы получения сохранения и использования информации уметь использовать компьютер как средство управления информацией; - обрести навыки получения и обработки информации из Интернета; - научиться использовать нормативно-правовые документы; - анализируя различные темы, уметь делать необходимые выводы; - самостоятельно переводить тексты и свободно говорить на русском языке; - навыки использования компьютерных технологий на уровне продвинутого пользователя.
Разделы и темы дисциплины	История русской литературы: 1.история русской литературы XIX 10-40; 2.история русской литературы XIX 50-60; 3.история русской литературы XIX 70-90; 4. история русской литературы XX (1ой половины)
Средства обучения и техническое обеспечение дисциплины	Персональный компьютер, проектор, электронная доска
Формы текущего контроля	Работа с тестами, индивидуальная беседа со студентами, сдачи прочитанных художественных текстов
Формы итогового	Экзамен (компьютерное тестирование)

контроля дисциплины	

2.1.2. **Таърихи адабиёти тоҷик**

Тавсифи мухтасари фан	Таърихи адабиёти тоҷик барои тайёр намудани мутахассисони ояндаи соҳаи омӯзгорӣ ва тарҷумонӣ ва адабиётшиносону забоншиносони оянда пешбинӣ шудааст. Маҷмӯи таълимӣ-методии мазкур донишҷӯёнро бо паҳлӯҳои асосии илмҳои адабиётшиносӣ, махсусан, робитаҳои адабӣ дар рафти дарсҳои назарию амалӣ ва машғулиятҳои мустақилонаи КМРО шинос менамояд, онҳо мефаҳманд, ки таърихи адабиёт – илмест, ки чигунагии пайдоиш ва раванди ташакулу инкишофи адабиёти бадеии хаттии ин ё он халқро мураттибан меомӯзад, таърихи адабиёти ҳамон халқ номида мешавад.
Намуди машғулиятҳо	лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор
Забони таълим	Тоҷикӣ
Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд	-қобилияти таҳлилнамоиро аз худ кунад; -таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро истифода бурда тавонад; -бо ҳамтоёни худ барои ҳамкорӣ кардан омодааст;
Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меояд	Донишҷӯе, ки фанни макзкурро аз худ кардааст, бояд: *Донад* -мафҳумҳои асосии предмети таълими «Таърихи адабиёти тоҷик», алоқаи «Таърихи адабиёти тоҷик» бо фанҳои дигарро; -принсипҳои таълим, таълими «Таърихи адабиёти тоҷик» шаклҳои ташкили машғулиятхои таълими «Таърихи адабиёти тоҷик» -ро; *Тавонад* -донишҳои назариявии худро дар амал тадбиқ намудан; -истифодаи «Барномаи фанни «Таърихи адабиёти тоҷик» -ро; -таҳлили мундариҷа ва маводи китобҳои дарсии «Таърихи адабиёти тоҷик» -ро; *Аз худ намояд* -луғату истилоҳоти фанни мазкурро; -номгӯи мақолаҳое, ки доир ба ин фан доир шудааст; -номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд; -номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро.
Номгӯи боб/ мавзӯъҳои фан	- Мавзӯи омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик - давраҳо ва марҳилаҳои инкишофи адабӣ - пайдоиш - таҳаввул ва инкишофи методу ҷараён ва мактабҳои адабӣ - сабкҳои адабӣ ва услубҳои эҷодӣ - ҳаёт ва эҷодиёти адибон - анвои адабӣ ва таърихи пайдоишу инкишофи онҳо - равобити адабӣ бо адабиёти дигар мардумони ҷаҳон

	- ривоят ва қиссаву достонҳо дар таърихи адабиёт - пайдоиши қолабҳои шеър (авзону қофия) - санъатҳои адабӣ ва инкишофи онҳо - таълимоти фалсафию иҷтимоӣ ва таъсири он ба мазмуну шакли адабиёт - омӯзиши илми таърихи адабиёт - таъсири дину оин
Васоити таълимӣ ва таъминоти техникаи фан	Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ
Шаклҳои назорати ҷорӣ	Супоришҳои тестӣ суҳбати инфиродӣ
Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан	Имтиҳон (тестӣ компютерӣ)

2.1.3. Сопоставительная типология

